# ТАҚРИЗ

**ба фишурдаи диссертатсияи Абдураҳмонов Маъдӣ Саидҷалолович дар мавзуи «Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

Афкори адабию эстетикии адибон дар қолаби асарҳои мансур ва манзум ифода гардида, он фарогири масъалаҳои гуногуни каломи бадеъ, амсоли мавзуъ, вазн, қофия, бадеият ва ғайра мебошад.

Мавзуи «Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон» масъалаест, мубрам ва вижа буда, то кунун ба таври фарогир ва густурда пажуҳиш нагардидааст ва муҳаққиқ тавассути таҳқиқи он афкори адабию эстетикии маорифпарварону ҷадидон, аз ҷумла Аҳмади Дониш, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Шамсиддини Шоҳин, Тошхоҷаи Асирӣ, Саидаҳмадхоҷа Сиддиқии Аҷзӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким ва дигаронро ба таври мушаххас мавриди пажуҳиш қарор додааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб бо фарогирии фаслҳо ва хулосаву феҳристи адабиёт таркиб ёфта, аз 186 саҳифаи чопи компютерӣ иборат аст.

Боби аввали диссертатсия «Заминаҳои иҷтимоӣ ва таърихии таҳаввули афкори адабӣ ва эстетикӣ дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX» унвон дошта, аз ду фасл иборат аст. Диссертант дар ин фаслҳо заминаҳо ва омилҳои иҷтимоӣ ва таърихии таҳаввули тафаккури адабӣ ва эстетикии маорифпарварон ва ҷадидонро таҳқиқу баррасӣ намуда, омилҳои сиёсӣ ва таърихии тағйир ёфтани афкори иҷтимоиро дар пайдоиши шумораи зиёди корхонаҳои саноатӣ ва зуҳуру пайдоиши буржуазияи миллӣ ва омилҳои маънавию фарҳангии таҳаввули афкори адабиро дар таъсири ақидаҳои маърифатпарварӣ ва ислоҳотхоҳии Аҳмади Дониш ва ҳаммаслакони ӯ, ҳаракати ҷадидияи тоторҳо, инкишофи муносибатҳои нави молию пулӣ ва матбуоти даврӣ арзёбӣ намудааст.

Боби дуюми диссертатсия «Накши Аҳмади Дониш ва осори ӯ дар тағйири ҷараёни адабӣ ва афкори адабӣ-эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон» ном дошта, ду фаслро дарбар мегирад. Дар боби мазкур масоили накш ва ҷойгоҳи Аҳмади Дониш ва осори ӯ дар тағйири ҷараёни адабӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифта, муҳаққиқ Аҳмади Дониш ва осори илмию адабии ӯро дар ба вуҷуд омадани ҷараёни маорифпарварӣ ва ҷадидӣ, бедории фикрӣ, тағйир ёфтани авзои сиёсию иҷтимоӣ ва ғайра муҳим арзёбӣ кардааст. Ҳамзамон, масъалаи зикри Аҳмади Дониш дар тазкираҳо ва ашъори шуарои муосираш таҳқиқу пажуҳиш гардидааст.

Боби сеюми диссертатсия «Афкори адабию эстетикии намояндагони адабиёти маорифпарварӣ ва ҷадида» номгузорӣ шуда, аз чор фасл фароҳам омадааст. Муаллифи диссертатсия дар чор фасл ба масъалаҳои ақидаҳои адабию эстетикии муорифпарварону ҷадидон, аз ҷумла Аҳмади Дониш, Тошхоҷаи Асирӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Абдурраруфи Фитрат ва Саидаҳмадхоҷа Сиддиқии Аҷзиро ба доираи андешаҳои хеш кашида, тибқи мисолҳои мушаххас ақидаҳои адабию эстетикии онҳоро таҳлилу баррасӣ намудааст.

Навоварӣ ва бозёфтҳои илмии диссертант дар автореферати диссертатсия тавассути нақду муҳокимаронихо ва хулосаҳои мушаххаси илмӣ ифода ёфтаанд.

Муҳокима ва натиҷагириҳои диссертант дар 11 банд ба таври густурда ва фарогир ҷамъбаст гардида, бо далелу асноди мушаххас ҷамъбаст шудаанд.

Дар баробари ин ҳама муҳассанот ва муваффақиятҳои илмию пажуҳишӣ дар автореферати диссертатсия баъзе камбудию нуқсонҳо низ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо арзиши диссертатсияро афзун менамояд.

1. Ба андешаи мо қисматҳои «Вазифаҳои таҳқиқ» ва «Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда» ба ҳамдигар мушобеҳанд.
2. Дар матни автореферат дар навишти баъзе калимаҳо, аз ҷумла аҳамият (с. 10), мулобачаҳо (с. 11), чаҳорчуба (с. 16), фарзан (с. 18), арӯз (с. 20), муҳим (с. 21) қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ риоя нагардидааст.

Нуқсонҳои фавқуззикр ҷузъию ислоҳшаванда буда, онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии автореферати диссертатсияро кам намесозанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Абдураҳмонов Маъдӣ Саидҷалолович дар мавзуи «Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон» таҳқиқи комили илмӣ маҳсуб ёфта, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мебошад.


Номзади илмҳои филология,
дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ
ва ҳуҷҷатнигории АИДНПҶТ Шарипов Шариф

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33
Телефон: (+992) 927-57-32-28
E-mail: ssssharif@mail.ru


Имзои Шарипов Шариф Раҳмоновичро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
коргузорӣ ва корҳои махсуси АИДНПҶТ Ҳамидов Ш. Б.
«29» 08 соли 2023

РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРИ ВА КОРҲОИ МАХСУС